**МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ**
**«ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»**

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи таълимии
ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-
иҷтимоии Тоҷикистон»
______________ н.и.и. Ибодзода З. Ҳ.
«__11__» __11__________ 2020, №__31__

# НИЗОМНОМАИ
# КОДЕКСИ АХЛОҚИИ ОМӮЗГОРИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

Душанбе -2020

Wondershare PDFelement

Wondershare PDFelement

# НИЗОМНОМАИ КОДЕКСИ АХЛОҚИ ОМӮЗГОРИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

Омӯзгор дар пахлӯхои мухталифи зиндагӣ барои шогирд шахси носех, ғамхорест, зеро ӯ ба шогирдон хислатҳои ҳамидаи инсонӣ – покsириштӣ, накӯкорӣ, иффат, инсондӯстӣ ва ғайраро тарғиб менамояд. Ӯ ба масъалаҳои тарбияи ахлоқию маънавӣ диққати махсус дода, барои бартарафсозии душвориҳои ҳаёти одамон панду маслиҳатҳои муфиду ҷолиберо баён менамояд. Таълиму тарбияи донишҷӯён яке аз муҳимтарин вазифаи омӯзгорон ба шумор меравад. Омӯзгор бояд дар таълим ва тарбияи шогирд тамоми дониш ва маҳорати хешро сарф намояд. Ӯ бо шогирдон сидқан суҳбат намуда, камбудиҳо ва он хислатҳои ношоистае, ки дар онҳо ҳувайдо мегардад, ошкор созад ва роҳи ҳалли онро нишон диҳад.

Омӯзгор бояд аз донишу маърифати кофӣ бархурдор бошад ва дар умури таълиму тарбия ба саҳланкорӣ роҳ надиҳад, балки ҳамеша ҷиҳатҳои равоншиносии шогирдро ба назар гирифта, бо ӯ муомилаи хуш намояд. Омӯзгор ҳамчун шахси наздик ва роздону меҳрубон мунтазам аз ҳолу аҳволи зиндагонии шогирдон бояд бохабар бошад. Вай бояд арзандаи номи пурифтихори омӯзгорӣ бошад ва шарафу эътибори касбии худро нигоҳ дорад.

Омӯзгор қабл аз ҳама бо рафтору амали худ ва баъдан бо гуфтору таълими худ намунаи ибрат бошад. Як амри воқеист, ки дар ҳама давру замон шогирдон ба таври худ ба омӯзгоронашон баҳо медиҳанд ва роҳҳои сазовори баҳои баланд ва соҳиби обрӯю эътибори хоса гардидани омӯзгорон, дар маҷмӯъ ба нафъи шогирдон ва худи омӯзгор мебошад. Омӯзгор набояд аз чорчӯбаи адлу инсоф берун барояд.

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Кодекси ахлоқии омӯзгори Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ», Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи донишкада, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», дастури мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, омӯзгор фаъолияти худро дар асоси санадҳои номбурда ба роҳ мемонад.

## I. МАЗМУНИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР ВА ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОН

2. .1.Мазмуни мақоми омӯзгор вобаста ба хусусиятҳои касбӣ маҷмӯи омилҳои зеринро, ки мақоми омӯзгорро дар ҷамъият муайян менамоянд, дар бар мегирад:

– қадру қимати касби омӯзгорӣ;
– талабот ба меъёрҳои тайёрии касбӣ ва маҳсули меҳнати омӯзгор;
– дараҷаи эътироф ва дастгирии омӯзгор аз тарафи давлат;
– хурмату эҳтироми омӯзгор дар ҷамъият, муассисаи таълимӣ, оила ва байни таълимгирандагон;
– шароити таъминоти моддии омӯзгор;
– ҳолати ҳифзи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии омӯзгор.

2.2. Ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти омӯзгорӣ, омӯзгор аз рӯи принсипҳои зерин амал мекунад:

- инсондӯстӣ;
- риояи қонун;
- риояи қоидаҳои демократӣ дар чараёни таълим;
- ҳақпарастӣ;
- касбият;
- эҳтироми ҳамдигарӣ;
- парваридани хулқу атвори хуб дар шогирдон;
- нишон додани роҳҳои илмомӯзӣ;
- омӯзиши сифатҳои рушди шахсият дар тарбиятгирандагон.

## II. ҲИФЗИ ШАЪНУ ШАРАФИ ОМӮЗГОР

3. Шаъну шарафи омӯзгор таҳти муҳофизати давлат қарор дорад.

4. Дахолати ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба фаъолияти омӯзгор манъ аст.

5. Санҷиши фаъолияти омӯзгор ва баҳогузорӣ ба кори ӯ танҳо ба мақомот ва шахсони ваколатдор, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муайян шудаанд, иҷозат дода мешавад.

6. Аз иҷрои вазифаи касбӣ бе асосҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дур кардани омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф манъ аст.

7.Назорати фаъолият ва аттестатсияи омӯзгорон тибқи низомномаҳое, ки мақомоти дахлдори давлатӣ тасдиқ намудаанд, амалӣ карда мешавад.

8. Фаъолияти касбии омӯзгор танҳо дар доираи касбӣ, аз ҷониби шахсон ва мақомоти дахлдори давлатии соҳаи маориф баррасӣ карда мешавад. Ҳангоми ҷой доштани камбудиҳо дар фаъолияти касбии омӯзгор шахсияти ӯ набояд таҳқир карда шавад ва ба фаъолияти ӯ воқеъбинона ва бегаразона бояд баҳо дода шавад.

9. Камбудиҳои содиркардаи омӯзгор танҳо пас аз санҷиши касбии мақомоти дахлдори давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Санҷиши фаъолияти омӯзгорро танҳо дар асоси муроҷиати хаттӣ ё санади тартибдодаи мақоми (шахси) ваколатдор оғоз кардан мумкин аст.

10. Омӯзгор ҳуқуқ дорад дар хусуси баҳогузории нодуруст ба фаъолияташ ба мақомоти дахлдори давлатӣ ва ё суд муроҷиат намояд ва

чуброни зарари моддӣ ва маънавии ба ӯ расонидашударо талаб намояд.

## III. УСУЛҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРӢ

11. Фаъолияти омӯзгорӣ бо усулҳои зерин амалӣ мегардад:

- муносибати маҷмӯӣ ба таълим ва тарбия;
- хусусияти башардӯстонаи таълиму тарбия ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои таълимгирандагон;
- риояи принсипҳои умумибашарии ахлоқ ва арзишҳои маънавӣ;
- дар назар доштани аломатҳои ҷинсӣ, мансубияти этникӣ, забонӣ, мазҳабӣ ва дигар хусусиятҳои шахсии таълимгирандагон;
- тарбияи таълимгирандагон дар рӯҳияи муҳаббат ба Ватан ва арзишҳои милливу умумибашарӣ;
- риояи принсипи муттасилии таҳсилот;
- муносибати эҷодӣ ба интихоби шакл ва усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ вобаста ба мақсаду вазифаҳои таълим;
- дар асоси дастовардҳои навтарини илм, техника, технология ва фарҳанг такмил додани дониши худ;
- робита бо таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда);
- ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои кӯдакон ва наврасон, коллективҳои меҳнатӣ, инчунин ташкилотҳои дахлдори давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

## IV. ҲУҚУҚҲОИ ОМӮЗГОРОН

12. Омӯзгорон ҳуқуқ доранд:
- шаъну шарафи касбии худро ҳифз намоянд;
- фаъолияти касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии худро таҳким бахшанд;
- барои мутолиа ва рушди маҳорати касбии худ шароит муҳайё намоянд;
- ташаббус ва таҷрибаи пешқадами худро дар амал татбиқ намоянд;
- шаклу усулҳои самарабахши таълимро интихоб ва татбиқ кунанд;
- барои такмили маҳорати касбӣ бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рухсатии эҷодӣ истифода намоянд.

13. Омӯзгорон дорои дигар ҳуқуқҳое низ мебошанд, ки онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

## V. ӮҲДАДОРИҲО ВА МАСЪУЛИЯТИ ОМӮЗГОРОН

14. Омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия ӯҳдадориҳои зеринро доранд:
- оинنома, қоидаҳои тартиботи дохилии донишкадаро риоя намоянд;
- сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, маҳорат ва малакаи касбии худро такмил диҳанд;
- азхудкунии барномаҳои таълимию илмиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот аз таълимгирандагон талаб намоянд;
- дарсҳои назариявӣ, амалӣ, таҷрибавӣ, истеҳсолӣ ва дигар намуди

дарсҳо ва машғулиятҳоеро, ки барномаҳои таълимӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида, аз усулҳои фаъоли таълим истифода баранд, бесабаб аз фаъолияти омӯзгорӣ худро дар канор нагиранд;

– таълимгирандагонро аз амалҳои зӯроварии ҷисмонию равонӣ ҳифз намоянд ва барои пешгирии истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла оби ҷав), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи сахттаъсир корҳои таблиғотӣ баранд;

– аз доираи мавзӯе, ки барномаи таълимӣ муқаррар намудааст, берун набароянд;

– дар вақти дарс аз телефони мобилӣ истифода набаранд;

– вобаста ба имконот дарсҳои кушод ташкил карда, падару модарони (шахсони онҳоро ивазкунандаи) таълимгирандагонро барои шинос шудан бо маҳорати касбии худ ҷалб намоянд;

– меъёрҳои санҷиш ва баҳогузориро ба дониши донишҷӯён дар раванди дарс риоя намоянд;

– журнали синфӣ (гурӯҳӣ)–ро дар доираи муқаррарот пур намоянд;

– ашёи таълимӣ, таҷҳизот ва маводи таълимиро ҳифз карда, таълимгирандагонро дар ҳамин рӯҳия тарбия намоянд;

– бо мақсади такмили маҳорати касбӣ ҳар 5 сол аз такмили ихтисос гузаранд;

– меъёрҳои забони давлатиро риоя намоянд;

– дар вақти дарс ва берун аз он аз алфози қабеҳ худдорӣ намоянд;

– аз тарғиби ғояҳои бегона ва ташвиқи ҳар гуна масъалаҳое, ки аз доираи мавзӯи дарс берун аст, худдорӣ намоянд;

– ба дарс тайёрии амиқ дида, санҷиши дафтарҳоро ҷиддӣ гузаронанд;

– дар раванди фаъолияти худ аз таҷрибаи пешқадам истифода намуда, ба таълифи мақолаҳои илмӣ, назариявӣ ва методӣ ҷиддӣ муносибат намоянд;

– вобаста ба қобилият китобҳои дарсӣ, методӣ, назариявӣ ва дастурҳои методӣ таҳия намоянд;

– маводи нави илмӣ, таълим, методӣ, рӯзнома, маҷалла, китобҳои бадеӣ, оммавӣ, илмӣ ва назариявиро пайваста мутолиа намоянд;

– маводи таълимӣ, конспект, нақшаҳои тақвимӣ, лексияҳо ва корҳои санҷишиву озмоишии хаттии худро дар сатҳи касбӣ дар доираи меъёрҳои мавҷуда таҳия ва тасдиқ намоянд;

– барои инкишофи маҳорат ва малакаи хаттӣ ва нутқи шифоҳии таълимгирандагон кӯшиш намоянд;

– барои дар озмунҳои (олимпиадаҳои) ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намудани таълимгирандагон саъю талош намоянд;

– қобилияти зеҳнӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ, ихтироъкории таълимгирандагонро муайян намуда, нисбат ба онҳо ғамхорӣ кунанд;

– барои рушди камолоти таълимгирандагон шароит фароҳам оваранд;
– аз таълимгирандагон ҳамроҳи худ овардани маводи таълимиро талаб карда, омодагии онҳоро ба дарс, машғулиятҳои таълимӣ назорат намоянд, онҳоро ба хондани китобҳои илмию бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ташвиқ намуда, барои рушди ҷаҳонбинии онҳо тадбирҳо андешанд;
– услуби коргузорӣ ва истифодаи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсиониро омӯзанд ва таълимгирандагонро ба омӯзиши онҳо ташвиқ намоянд;
– санҷишу имтиҳонҳои қабул ва ҷориро аз рӯи меъёрҳои муайянгардида гузаронида, дар вақти баҳогузорӣ ба амалҳои субъективӣ роҳ надиҳанд;
– аттестатсияи хатм ва имтиҳонҳои хатмро дар доираи талаботе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ташкил намуда, ба дониши таълимгирандагон баҳои воқеӣ гузоранд;
– рӯзномаи хонандагон ва дафтарҳои санҷишии донишҷӯёнро санҷида, баҳои дар журнал ва варақаи имтиҳонӣ қайдгардидаро ба онҳо гузаронанд;
– дарсҳои худро дар кабинетҳои фаннӣ бо тартиби муқарраршуда ба роҳ монанд;
– иштироки таълимгирандагонро дар корҳои ҷамъиятӣ, маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, эҷодӣ ва дигар маҳфилҳо таъмин намуда, ба фаъолона ширкат варзиданашон мусоидат намоянд;
– таълимгирандагонро дар рӯҳияи эҳтироми падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), ҳамсолон, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия кунанд;
– ҷалби таълимгирандагонро ба ташкилотҳои хонандагон ва донишҷӯён таъмин карда, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, риояи қонун ва эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, расму ойин, муҳити зист ва риояи тарзи ҳаёти солим тарбия намоянд;
– корҳои илмӣ, эҷодии адабӣ, ихтироъкорӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва дигар корҳои таълимгирандагонро роҳнамоӣ намуда, барои рушди қобилияти зеҳнии онҳо шароит муҳайё намоянд;
– нисбат ба хонандагон ва донишҷӯёне, ки тартиботи дохилии донишкадаро халалдор менамоянд, ба дарсҳо бе тайёрӣ меоянд ва сару либоси тавсиявиро намепӯшанд, маъмурияти муассисаи таълимӣ ва падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) – ро сари вақт тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намоянд;
– нисбат ба таълимгирандагоне, ки аз таҳсил саркашӣ намуда, аз хондан дур мемонанд, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), Раёсати донишкада ва сохторҳои дахлдорро сари вақт тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намоянд;
– дар таҳия ва омода намудани иншо, кори санҷишӣ, корҳои хаттии

эчодиву илмӣ, реферат, кори курсӣ, таҳқиқоти илмӣ, рисола, лоиҳаи дипломӣ ва инноватсионӣ ба таълимгирандагон роҳбарӣ намоянд;
- дафтарҳои фанни таълимгирандагонро назорат намуда, маводи хаттиро аз рӯи меъёрҳои муқарраргардида баҳогузорӣ намоянд.

V11. **Омӯзгорон оид ба таълиму тарбия масъуланд:**

- ба истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла оби ҷав), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи сахттаъсир дар муассисаи таълимӣ роҳ надиҳанд;
- ба хонандагон ва донишҷӯён маслиҳати методӣ ва илмӣ дода, дигар хизматрасонии таълимиро амалӣ намоянд;
- дар вақти корӣ ва раванди дарс бесабаб аз муассисаи таълимӣ берун нараванд;
- қобилияти иҷтимоӣ ва ҷисмонии хонандагон ва донишҷӯёнро ба манфиати шахсӣ истифода набаранд;
- ӯҳдадориҳои роҳбари синф (гурӯҳ) – ро дар доираи меъёрҳои муқарраршуда иҷро карда, бо падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) робита барқарор намоянд;
- ба намуди зоҳирии худ диққат дода, дар муассисаи таълимӣ либоси тавсиявиро пӯшанд, таълимгирандагонро дар рӯҳияи зебопарастӣ тарбия кунанд;
- ҳуқуқҳои таълимгирандагонро риоя карда, қадру эътибори онҳоро паст назананд;
- одобу ахлоқи омӯзгориро риоя намоянд.

15. Омӯзгорон оид ба таълиму тарбия ӯҳдадорӣ ва масъулиятҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оиннномаи донишкада ва санадҳои дохилии он пешбинӣ намудаанд, ба зимма доранд.

## VI. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ИНТИЗОМИ МЕҲНАТ ВА ТАЪЛИМ

17. Вайрон кардани интизоми меҳнат, яъне иҷро накардан ё ба таври лозимӣ иҷро накардани вазифа ва ӯҳдадориҳои меҳнатӣ аз тарафи корманд зарурати истифода бурдани муҷозоти интизомӣ ва усулҳои таъсирбахшии ҷамъиятиро пеш меорад.

18. Барои вайрон кардани интизоми меҳнат раёсати донишкада муҷозоти зерини интизомиро истифода мебарад:

- огоҳӣ (шифоҳӣ);
- сарзаниш;
- танбеҳ;
- танбеҳи қатъӣ
- то як сол мавқуф гузоштани навъҳои ҳавасмандгардонии меҳнат;
- аз вазифа озод намудан.

19 Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ мувофиқи моддаи 44-и Кодекси меҳнати Ҷумҳури Тоҷикистон пешакӣ, на дертар аз ду ҳафта, огоҳ намудани Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони донишкада сурат мегирад.

20 Муҷозоти интизомӣ аз тарафи ректори донишкада татбиқ гардонида шуда, бо фармони махсус эълон ва ба расмият дароварда мешавад.

Wondershare PDFelement

21. Раёсати донишкада хукук дорад, ки ба чойи истифода кардани мучозоти интизомӣ мухокимаи корманд ва омӯзгоронро ба коллективи мехнатӣ хавола намояд.

22. То татбики мучозоти интизомӣ аз вайронкунандагони интизоми мехнат ба таври хаттӣ баёнот гирифта мешавад. Саркашӣ намудани корманд аз додани баёнот раёсатро аз хукуки татбики мучозоти интизомӣ махрум намесозад.

23. Мучозоти интизомӣ аз тарафи раёсати донишкада барои вайрон кардани интизоми корӣ дар мухлати на дертар аз як мохе, ки аз вакти вайронкунии интизоми мехнат мегузарад (ба ғайр аз вакти бемории ё дар рухсатии мехнатӣ будани корманд), дода мешавад. Мучозоти интизомӣ баъди 6 мохи содири кирдори корманд ва аз рӯйи натичахои тафтиш ё санчиши фаъолияти молиявию хочагӣ на дертар аз ду соли баъди содири чунин кирдор татбик шуда наметавонад.

24. Барои хар як кирдор танхо як мучозоти интизомӣ дода мешавад.

25. Ҳангоми додани мучозоти интизомӣ зарари конунвайронкунии интизомӣ, ки аз тараф корманд рух додааст, холати рухдихии конунвайронкунии интизомӣ ва фаъолияти пешинаи кории корманд бояд ба эътибор гирифта шавад.

26. Фармоиш дар бораи мучозоти интизомӣ ва амалӣ намудани он ба корманде, ки мучозот ба ӯ равона шудааст, дар мухлати на дертар аз се рӯз эълон карда мешавад. Фармоиш дар холатхои зарурӣ дар байни хамаи коллективи мехнатии донишкада эълон карда мешавад.

27. Агар дар давоми 6 мох корманд ба конунвайронкунии интизомӣ рох надихад, чазои пешинаи интизомӣ аз ӯ бардошта мешавад.

28. Раёсат бо ташаббуси худ ва бо пешниходи коллективи мехнатӣ метавонад барои мучозоти интизомии ба корманд додашуда, новобаста ба он, ки мухлати мучозот ба анчом расидааст ё не, фармоиши радди мучозот содир намояд ва ин дар холате метавонад баргузор гардад, ки корманд ба халалдор гардидани интизоми мехнат рох надихад ва аз рӯйи вичдон фаъолият кунад.

29. Дар мухлате, ки мучозоти интизомӣ кувваи амалкунанда дорад, имтиёз ва хавасмандгардонӣ мувофики коидахои расмӣ нисбат ба шахси чазодида раво дониста намешавад.

30. Коллективи мехнатӣ низ хукук дорад, мучозоти интизомии кормандро новобаста аз хотима ёфтани мухлати он бозгирад ва ё барои бозгирифтани мучозоти интизомӣ аз корманд дархост намояд ва ё барои бозгирифтани махдудиятхое, ки раёсати донишкада нисбати он шахс барои вайрон кардани интизоми мехнат гузоштааст, дархост намояд. Шарти ин талабот аз тарафи корманд минбаъд вайрон накардани интизоми мехнат ва кору фаъолияти фаъолона кардан аст.

## 9. МУКАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

41.Кодекси ахлоки омӯзгори «Донишкадаи тиббӣ-ичтимоии

Тоҷикистон» мувофиқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

42.Кодекси ахлоқи омӯзгори «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» баъди тасдиқ мавриди амал қарор дода мешавад.

43.Ба Кодекси ахлоқи омӯзгори «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо бо тартиби муқарраршуда ворид карда мешавад.

44.Кодекси ахлоқи омӯзгори «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» дар ҳолати қабул гардидани Кодекси нав қатъ мегардад.

Низомнома дар ҷаласаи Шӯрои олимони МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷттимоии Тоҷикистон» аз «28» 10 2020, №4/11 баррасӣ карда шуда, ҷонибдорӣ карда шудааст.

Wondershare PDFelement